**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2025. – 173 с.**

Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии такомули таркиби луғавии забони адабӣ ба шумор меравад. Ба воситаи он забон мафҳумҳои навро ифода карда, мубодилаи афкори мурдумро осон мегардонад, зеро дар натиҷаи калимасозӣ воҳидҳои нави луғавӣ – калимаҳо пайдо мешаванд.

Омӯзишу таҳқиқи калимасозӣ дар заминаи осори адибон дар замони соҳибистиқлолии кишварамон аҳаммияти бориз касб менамояд. Устод Садриддин Айнӣ барои тасвири вазъи замон, ҳолати руҳӣ ва симои қаҳрамонони осораш аз имконоти калимасозии забони тоҷикӣ самаранок истифода намуда, дар баробари калимаҳои роиҷи забон вожаҳоеро корбаст намудаанд, ки баъзе вожаҳо ба услуби фардии нависанда хос мебошанд. Бояд гуфт, ки дар забони осори устод Айнӣ ба таври анъанавӣ-таърихӣ нигоҳ дошта шудани як қатор қоидаҳо ва шаклҳои дастурии забони адабии тоҷикӣ мушоҳида карда мешавад.

Аз тарафи Шаҳнозаи Турсунзода диссертатсия иншо гардидааст, ки шоистаи дастгирӣ мебошад. Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Равшан аст, ки барои такмили таркиби луғавии забони адабӣ калимасозӣ ҳамчун манбаи боварибахшу боэътимод шинохта шудааст. Яке аз роҳҳои муҳимми боварибахши ифода намудани номи ашёву мафҳумҳои нави дар ҷомеа пайдошуда калимасозӣ мебошад. Бо дарназардошти он ки забон ҳамсафари доимии ҷамъият дониста шудааст, аз ин сабаб дар пайвастагӣ ба тараққиёту инкишофи ҷомеа забон ҳам ба

тағйироти назаррас рӯбарӯ шуда ҳамзамон такмил меёбад. Ин тағйироту инкишофи бааммаломадаи забонро дар таърихи забони тоҷикӣ, аз ҷумла, такмилёбии роҳҳои гуногуни калимасозии забони тоҷикӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, чунки дар он дар баробари қолабҳои дерини калимасозӣ қолабҳои нави калимасозӣ баръало ба назар мерасад.

Дар асоси осори бадеии шоирону нависандагон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани калимасозӣ барои муайян намудани имкониятҳои калимасозии унсурҳои калимасоз мусоидат намуда, дар самти суханофарӣ маҳорати ин ё он адибро ба хубӣ нишон медиҳад. Дар баробари ин ҷойгоҳи вандҳои калимасозро дар забони адабӣ нишон дода, доманаи густариши онҳоро дар осори адибон бо назокату нафосати хосса таҷассум менамояд, ки ин барои рушди минбаъдаи забони адабӣ уфуқҳои нави инкишофро мекушояд.

Муҳаққиқи самти калимасозии забони тоҷикӣ, забоншиноси маъруф Ш. Рустамов калимасозиро чи дар дар замони гузашта ва чи имрӯз яке аз омилҳои муҳимтарини рушду инкишофи забоншиносии тоҷик ба қалам додааст.

Азбаски калимасозӣ ба бештари ҳиссаҳои нутқ рабт дорад, дар осори устод С. Айнӣ ҷойгоҳи калимасозиро дар аксари ҳиссаҳои нутқ метавон мушоҳида намуд. Масалан, дар «Ёддоштҳо» тамоми роҳу усулҳои калимасозии сифат, ҳам тавассути вандҳо ва ҳам навъи калимасозии сифатҳои мураккаб ба таври васеъ истифода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо илмии таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар забоншиносии муосири тоҷик калимасозии сифат дар асари мондагори «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ таҳқиқ алоҳидаи мукаммал шудааст.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияи мазкур ҷолиб ва муносиб буда, муаллиф асоситарин ва муҳимтарин масъалаҳои матраҳнамудаашро пешниҳод кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқ аз он лиҳоз эътимоднок мебошанд, ки дар заминаи таҳлилу баррасии асари ҷовидонаи устод Айнӣ анҷом ва пешниҳод шудаанд. Ҷанбаи дигари назарраси рисола аз иборат аст, ки ба назарияи калимасозии мавҷуда такя шудааст. Зимни баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа андешаву мулоҳизаҳои муаллифи диссертатсия ҳам дида мешавад, ки дар таҳқиқи илмӣ муҳим мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ боз дар он аст, маълумоти истифодашуда аз сарчашмаҳои дақиқи илмӣ буда, маводи корбастгурдида ба пажуҳиш комилан муносиб аст. Ҳаҷми интишорот, истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқ ва хулосаҳои мантиқӣ эътимоднокии таҳқиқи илмиро авзун кардаанд.

**Ҳаҷми ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати осори илмиву бадеӣ ва номгӯйи ихтисораҳо иборат буда, 173 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифтааст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якум – «Калимасозии сифат бо пешвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, аз нуҳ фасл иборат аст. Унвонҷӯ дар ин боби диссертатсия пешвандҳо ва пешвандгунаҳои сифатсозро ба нуҳ фасл ҷудо карда, ба баррасии он мепардозад.

Аз таҳқиқи Шаҳнозаи Турсунзода маълум мегардад, ки бештари пешвандҳои сифатсози «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ сермаҳсуланд. Тавре ки диссертанд қайд кардаст: «Дар «Ёддоштҳо» пешвандҳои сифатсози **бе-, но-** ва пешвандгунаҳои **пур-, хуш-, дил-** ва **сер-** аз рӯйи дараҷаи истеъмол ва маҳсулнокӣ ба гурӯҳи унсурҳои калимасозии сермаҳсул дохил мешаванд.

Адиби нуктасанҷу маънирас бо пешванди **бе-** 65, **но-** 60 калима, бо пешвандгунаи **пур-** 40, **хуш-** 22, **дил**-12 ва **сер**-22 калима сохтааст.

Пешвандҳои **ба-, бар-, бо-** ба гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул шомиланд» (Диссертатсия саҳ.55).

Аз таҳлилу баррасии боби мазкур маълум гардид, ки пешванду пешвандгунаҳои сифатсоз дар «Ёддоштҳо» ҳангоми калимасозию маъниофарӣ нақши боризу созанда доштааст. Адиб бо ин усули калимсозӣ дар баробари мавриди корбаст қарор додани калимаҳои мустаъмали забони тоҷикӣ боз калимаҳоеро дар асараш истифода кардааст, ки дар осори дигар адибон, чи дар офаридаҳои намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир дида намешаванд. Аз ин рӯ, баъзе вожаҳо маҳсули эҷоду услуби хоси нависанда ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми дисссертатсияи тақризшаванда **«Калимасозии сифат бо пасвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** ном дорад. Боби мазкур аз 18 фасл иборат аст.

Дар ин боб 18 пасванди сифатсоз дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ таҳлилу баррасӣ шуда бо ҳамаи пасвандҳо мисолҳо аз асари мавриди таҳқиқ миолҳо оварда шудааст.

Дар боби мазкур унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки: «Дар таърихи забони тоҷикӣ ба воситаи пасвандҳо сохта шудани калимаҳо яке аз роҳҳои маъмулу машҳур ва пурмаҳсултарини роҳу усулҳои калимасозӣ ба шумор меравад» (Диссертатсия саҳ. 56).

Тибқи таҳқиқи Шаҳнозаи Турсунзода пасвандҳои сифатсози **-ӣ, -нок, -манд, -она** ва **-гар** аз рӯйи дараҷаи истеъмол ва маҳсулнокӣ ба гурӯҳи пасвандҳои калимасози сермаҳсул дохил мешаванд. Дар «Ёддоштҳо» устод Айнӣ бо пасванди **-она** 62, бо пасванди **-нок** 18, бо пасванди **-манд** 7 ва бо пасванди **-гар** 11 калима сохтааст.

Пасвандҳои **-а, -вар, -ин, -онӣ** ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул шомиланд.

Пасвандҳои **-ик, -ак, -акӣ, -ам, -ваш, -гун, -фом** ва **-чак** пасвандҳои бемаҳсуланд, зеро сохта шудани вожаҳо бо ин пасвандҳо калимаҳо ангуштшумор ба назар расидаанд, ба монанди ***гандумгун, торик, шинам***...

Дар боби сеюм – **«Сохтори сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** сифатҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боби мазкур аз се фасл иборат мебошад.

Хонанда ҳангоми мутолиаи диссертатсия дармеёбад, ки устод Айнӣ дар қатори дигар адибони классик дар сохтани калимаҳои мураккаб (хусусан мураккаби тобеъ, ки теъдодашон беш аз 600-ро фаро мегирад) пешдаст аст.

Ба назари мо, унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки вожаҳои мураккаби *чӯбичормағзӣ, пӯстигӯсфандӣ, паритовусӣ, пуштимоҳигӣ...* барин вожаҳо маҳсули эҷоди адиб ба шумор рафта, шарҳи он дар луғатномаҳо ба назар намерасад.

Хулосаи диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода аз натиҷаи таҳлилҳои илмӣ ҳосил гардида, аз дарки касбияти муҳаққиқ дарак медиҳад. Натиҷаи пажуҳиш аз 8 банд иборат буда, бахши тавсияҳо фарогири 7 банд буда, корбурди натиҷаҳои таҳқиқ зимни таълиму таҳқиқ нишон дода шудаанд.

Қисмати рӯйхати адабиёти диссертатсияи фарогири 188 номгӯйи осори илмию бадеист, ки дисссертант аз онҳо зимми таҳлилу баррасиҳо фаровон истифода кардааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Аҳаммияти назарии диссертатсионии унвонҷӯй Шаҳнозаи Турсунзода аз он иборат, мебошад, ки ӯ ба пажуҳише машғул шудааст, ки барои такомули таркиби луғавии забон муосидат мекунад.

Натиҷаҳои илмиву амалии бадастомада дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ аз бахши сарфи забони адабии тоҷик хидмат хоҳад кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводди диссертатсия дар дарсҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касби риштаи филологӣ, аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, махсусан, калимасозӣ, навиштани корҳои илмӣ истифода мешавад.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мухтавои асосии диссертатсия дар 20 мақолаю маърузаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақолаи дигари дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои илмӣ батабърасида инъикос шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбуду норасоиҳо, ғалатҳои имлоиву техникӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ба назари мо фаслҳои бобҳои якум ва дуюмро аз рӯйи корбасти пасванду пешвандҳо аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон ба сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо гардида, баррасӣ мешуд, беҳтар буд. Зеро бо як пешванд ё пасванд ҷудо кардани як фасл ва серистеъмол ва камистеъмол будани он созгор нест. Он тавре ки дар диссертатсия оварда шудааст, дараҷаи корбасти пасванду пешвандҳо омехта мебошад.

2. Мусаллам аст, ки сифат дар забони адабӣ бо се роҳу воситаи калимасозӣ дорад: 1. а) ба воситаи пасвандҳо; б) ба воситаи пешвандҳо; в) ба воситаи пасванду пешвандҳо; 2. Бо роҳи васлшавии калимаҳо (яъне мураккаб); 3. Ба воситаи калимаҳои таркибӣ. Аммо дар диссертатсияи мавриди назар ҳам ин тартиб риоя нагардидаасту ҳам ҳангоми мутолиа

роҳҳои ба воситаи пасванду пешвандҳо (*айёми томактабӣ, корҳои номардона, рафтори бемантиқӣ*) ва ба воситаи калимаҳои таркибӣ сохта шудани сифат (*муваффақиятҳои нав ба нав, ҷангҳои тан ба тан, роҳи печ дар печ, одами саллаву ҷомапӯш*) ба назар нарасид.

3. Дар диссертатсия такрори фикр зиёд ба назар мерасад, аз қабили «калимасозӣ таърихи куҳан дорад», басомади пешванду пешвангунаҳои калимасоз дар саҳифаҳои 54 ва 55 ҳам дар ҷадвал ва ҳам дар матн, «роҳи маъмултарини калимасозӣ» саҳ. 56...

4. Ҳангоми мутолиа ихтилофи ақидаи муаллиф ба назар мерасад. Масалан, дар саҳифаи 23-юми диссертатсия меорад, ки «Пешванди **бар-** дар асари тарҷумаиҳолии Садриддин Айнӣ – «Ёддоштҳо» низ сермаҳсул буда... ба таври густурда мавриди истифода қарор дода шудааст», аммо дар хулосаи ҳамин боб саҳифаи 55 баръакс – «Пешвандҳои **ба-, бар-, бо-** ба гурӯҳи пешвандҳои каммаҳсул шомиланд».

5. Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки қисми зиёди вожагони забонамонро калимаҳои мураккаб ташкил медиҳанд. Боби сеюми диссертатсия, ки бевосита ба сохтори сифатҳои мураккаб бахшида шудааст, аз тарафи муҳаққиқ дар хулоса ягон банд натиҷагирӣ накардааст. Дар замоне, ки аз рӯйи таҳқиқи унвонҷӯ ин гуна вожаҳо осори адибро зеб додаанд. Басомади вожаҳои мураккаб (хусусан, калимаҳои мураккаби тобеъ) беш аз 600 вожаро дар бар мегиранд.

6. Ҳарчанд диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, лекин ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар расид (саҳ. 11, 12, 14, 15, 18, 19, 36, 104, 111... диссертатсия ва саҳ. 6, 17, 18, 24, 28... автореферат).

Эрод ва камбудиҳои зикргардида дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба муҳтавои асосии кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони

тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзад илмҳои филологӣ,
*дотсенти кафедраи забоншиносии*
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич

«23» августи соли 2025.

**Нишонӣ:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Зарафшон, бинои 24, ҳуҷраи 141
Тел.: +992 93-405-52-55
E-mail: N.Muhammad@mail.ru

Имзои М.Н. Насруллоевро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ,
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонии муассиса:**
7340003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ф.Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 372 32 50 00
Факс: +992 372 32 50 00
Сомона: www.ddzt.tj.
E-mail: ddzt@ddzt.tj

«23» августи соли 2025.